# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Иззатуллозода Алихон Саидкул дар мавзуи «Ҷудокунии кислотаҳои органикӣ ва лактонҳо аз таркиби газнаи духонагӣ (*Urtica Dioica* L.)» аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 – Химияи органикӣ пешниҳод гардидааст.

Яке аз вазифаҳои асосие, ки дар назди илми химия ва илмҳои ба он алоқаманд гузошта шудааст ин, пеш аз ҳама, ҷустуҷӯ ва такмили номгӯйи маводди доругӣ, омӯзиши мунтазами онҳо ва робитаю самаранокии натиҷаҳои бадастомада бо истеҳсолот мебошад. Дар ин самт барои ба роҳ мондани коркарди саноати ватанӣ оид ба истеҳсоли маводди гиёҳҳои шифобахш аҳаммияти ҷиддӣ дода мешавад.

Барои ҳалли ин масъала довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар назди худ чунин вазифаҳоро гузошта ва иҷро намудааст:

- экстраксияи узвҳои рӯйизаминӣ ва зеризаминии газнаи духонагӣ-*U.dioica* ва ҷудокунии пайвастаҳои органикӣ аз экстрактҳои узвҳои рӯйизаминӣ, зеризаминии газнаи духонагӣ-*U.dioica* ва муайян намудани синфи пайвастаҳои органикии онҳо;
- тоза намудани пайвастаҳои ҷудокардашуда аз экстрактҳои узвҳои рӯйизаминӣ, зеризаминии газнаи духонагӣ -*U.dioica* бо истифода аз усули хроматографияи маҳинқабат ва хроматографияи баландэффект, таҳқиқи хромотографӣ, баҳодиҳии муқоисавӣ оид ба газнаи духонагӣ-*U.dioica*-и қисмати ҷанубии қаторкӯҳҳои Ҳисор ва *U.dioica*, ки дар дигар кишварҳо омӯхта шудааст;
- таҳқиқи физикӣ-химиявию биологии пайвастаҳои ҷудокардашуда аз экстрактҳои узвҳои рӯйизаминӣ, зеризаминии газнаи духонагӣ - *U.dioica* бо методҳои спектри инфрасурх, спектри массавӣ, резонанси магнитии ядро, резонанси магнитии протон, таҳлили элементӣ, реаксияҳои сифатӣ, хроматографияи маҳинқабат ва хроматографияи баландэффект муайян кардани сохт, таркиб ва тозагии пайвастаҳои ҷудокардашуда аз экстрактҳои узвҳои рӯйизаминӣ ва зеризаминии газнаи духонагӣ-*U.dioica*-и қисмати ҷанубии қаторкӯҳҳои Ҳисор (ноҳияи Шаҳринав).

Навгонии илмии таҳқиқ дар он ифода меёбад: муайян карда шудааст, ки экстраксияи узвҳои рӯйизаминӣ, зеризаминии газнаи духонагӣ-*U.dioica*-и қисмати ҷанубии қаторкӯҳҳои Ҳисор имконпазир буда, шароит ва коркарди методикаи ҷудокунии кислотаҳои аскорбин, аспарагин, аспарагинат, серин, треонин, қаҳрабо, линолевӣ ва лактони сохти диметилен-10-метил-эвдезм-7,8-олид аз экстрактҳои узвҳои рӯйизаминӣ ва зеризаминии газнаи духонагӣ-*U.dioica* муқаррар карда

шудаанд. Таҳқиқи хромотографӣ, баҳодиҳии муқоисавӣ оид ба *U.dioica*-и қисмати ҷанубии қаторкӯҳҳои Ҳисор ва *U.dioica*, ки дар дигар кишварҳо омӯхта шудааст гузаронида шуда, бо методҳои спектри инфрасурх, спектри массавӣ, резонанси магнитии ядро, резонанси магнитии протон, таҳлили элементӣ, реаксияҳои сифатӣ, хроматографияи маҳинқабат ва хроматографияи баланэффект оид ба муайян кардани сохт, таркиб ва тозагии пайвастаҳои ҷудокардашуда аз экстрактҳои узвҳои рӯйизаминӣ ва зеризаминии газнаи духонагӣ-*U.dioica* амалӣ карда шудааст.

Аҳаммияти илмию амалии таҳқиқот дар он ифода мeёбад, ки дар кори диссертатсионӣ шароит ва коркарди методикаи ҷудокунии пайвастаҳои органикӣ аз ҷумла, кислотаҳои аскорбин, аспарагин, аспарагинат, серин, треонин, қаҳрабо, линолевӣ ва лактони сохти диметилен-10-метил-эвдезм-7,8-олид аз экстрактҳои узвҳои рӯйизаминӣ, зеризаминии газнаи духонагӣ-*U.dioica*-и қисмати ҷанубии қаторкӯҳҳои Ҳисор муқаррар карда шуда, хусусиятҳои зидди илтиҳобӣ ва пешобронӣ онҳо ошкор карда шудааст. Муқаррар карда шуд, ки лактони сохти диметилен-10-метил-эвдезм-7,8-олид аз экстрактҳои узвҳои рӯйизаминӣ, зеризаминии газнаи духонагӣ-*U.dioica*-и қисмати ҷанубии қаторкӯҳҳои Ҳисор ҷудокардашуда хусусиятҳои зидди илтиҳобӣ ва пешобронӣ дорад.

Коркардҳои илмӣ, ки аз рӯйи натиҷаҳои корҳо аз чоп баромадаанд, метавонанд дар таҳияи барномаҳои таълимӣ дар химия, биохимия ва дорусозӣ, курсҳои махсус ва ҳангоми хондани лексияҳо оид ба афзоиш ва инкишофи растаниҳо дар факултетҳои химия ва биологияи Донишгоҳҳои олӣ методҳои коркардшударо метавонанд, ҳангоми иҷрои корҳои лабараторӣ, навиштани корҳои курсӣ, хатмкунӣ ва диссертатсионӣ мавриди истифода қарор диҳанд.

Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмадона автореферати диссертатсия аз норасоигиҳо ва ғалатҳое, ки хусусияти ҷузъи доранд холӣ нест ва камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии корро коста намегардонад. Аз ин рӯ, ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқоти ояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегарданд. Эродҳо чунинанд:

1. Дар автореферати диссертатсия, ки бо забони давлатӣ таълиф шудааст, хатоҳои имлоӣ ва услубӣ дида мешаванд, ки онҳо танҳо хусусияти мубоҳисавӣ доранд.
2. Механизми таъсири молекулавии экстрактҳои узвҳои рӯизаминӣ ва зеризаминии газнаи духонагӣ -*Urtica dioica* L. ва дараҷаи захрнокии онҳо ба кадом синф таалуқ доранд, нофаҳмо аст.

Аз автореферат бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Хулоса, автореферати кори диссертатсионии Иззатуллозода Алихон Саидқул дар мавзуи «Ҷудокунии кислотаҳои органикӣ ва лактонҳо аз таркиби газнаи духонагӣ (*Urtica Dioica* L.)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 – Химияи органикӣ пешниҳод шудааст, кори илмии дар зинаи муайян баитмом расида мебошад. Аз ҷиҳати ҳаҷм, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, навоварӣ ба тамоми талаботи «Низомнома дар бораи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023 №295 барои рисолаҳои номзадӣ тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи он бе шак, сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 – Химияи органикӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
доктори илмҳои химия, профессори
кафедраи биоорганикӣ ва физколлоидии
ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино Файзилов И.У.

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Маяковский,
69\2, ҳуҷраи 37
Тел.: (+992) 918402111,
E-mail: ikrom. fayzilov@mail.ru

Имзои И.У. Файзиловро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати рушди кадрии МДТ “ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино” н.и.т. Сафаров Б.И.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, н. Сино, куч. Сино 29-31,
Тел.: (+992-37) 446 600 3977, 235 34 96
E-mail: info@tajmedun.tj

“13” 12 соли 2025